# ХУЛОСАИ
## шурои диссертатсионии 6D.КОА-021 назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илм

Парвандаи аттестатсионии №____
Қарори шурои диссертатсионӣ аз 29.02.2024, № 63

Барои сазовор донистани Дустзода Ҳамрохон Ҷумъа, шаҳрванди Ҷумҳурии Тоҷикистон ба дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ.

Диссертатсияи Дустзода Ҳамрохон Ҷумъа дар мавзуи «Нақши воситаҳои тасвири бадеӣ дар ташаккули сохтор ва маънои воҳидҳои фразеологӣ (дар асоси маводи насри муосири тоҷик)» барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-021-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (734025, шаҳри Душанбе, хиёбони Рӯдакӣ, 17; фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 7-уми январи соли 2022, таҳти № 22/шд) 16-уми ноябри соли 2023, суратҷаласаи № 55 ба ҳимоя қабул гардидааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ Дустзода Ҳамрохон Ҷумъа 13-уми сентябри соли 1981 дар Ҷумҳурии Тоҷикистон таваллуд шудааст. Соли 2005 факултети филологияи Донишгоҳи давлатии миллии Тоҷикистон (ҳоло Донишгоҳи миллии Тоҷикистон)-ро бо ихтисоси филолог: муаллими забон ва адабиёти тоҷик хатм кардааст. Соли 2010 диссертатсияи номзадиашро дар мавзуи «Воҳидҳои фразеологии ташбеҳӣ дар забони адабии муосири тоҷикӣ» аз рӯйи ихтисоси 10.02.22 – Забони халқҳои кишварҳои хориҷии Аврупо, Осиё, Африқо, сокинони бумии (аборигенҳо) Амрико ва Австралия (забони тоҷикӣ) бо роҳбарии доктори илмҳои филологӣ, профессор Ҳ. Маҷидов ҳимоя кардааст. Аз соли 2005 то ин замон дар кафедраи забони адабии муосири тоҷикии факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон фаъолият дорад.

Диссертатсия дар кафедраи забони адабии муосири тоҷикии факултети филологияи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон иҷро шудааст.

**Муқарризони расмӣ**: **Султон Ҳасан Баротзода** – доктори илмҳои филологӣ, профессор, узви вобастаи Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, сарходими илмии шуъбаи фарҳангнигорӣ ва истилоҳоти Институти забон ва адабиёти ба номи Рӯдакии Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, **Офаридаев Назрӣ** – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забони тоҷикии Донишгоҳи давлатии Хоруғ ба номи Моёншо Назаршоев ва

**Нозимов Абдулҳамид Абдуалимович** – доктори илмҳои филологӣ, профессор, мудири кафедраи забонҳо ва фанҳои гуманитарии филиали Донишгоҳи миллии таҳқиқоти технологӣ «МИСиС» дар шаҳри Душанбе ба диссертатсия тақризи мусбат пешниҳод намудаанд.

**Муассисаи пешбар:** Донишгоҳи байналмилалии забонҳои хориҷии Тоҷикистон ба номи С. Улуғзода дар тақризи мусбати худ, ки аз ҷониби раиси ҷаласа – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забоншиносии муқоисавӣ ва назарияи тарҷума Турсунов Фаёз Мелибоевич, эксперт – доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забоншиносӣ ва рӯзноманигорӣ Қосимов Олимҷон Ҳабибович, котиби илмии ҷаласа – номзади илмҳои филологӣ, дотсент Насруллоев Муҳаммад Нуриллоевич имзо гардида, бо имзоюю муҳри ректори муассиса, доктори илмҳои филологӣ, профессор Гулназарзода Ж.Б. тасдиқ шудааст, қайд намудааст, ки диссертатсияи доктории Дустзода Ҳамрохон Ҷумъа дар мавзуи «Нақши воситаҳои тасвири бадеӣ дар ташаккули сохтор ва маънои воҳидҳои фразеологӣ (дар асоси маводи насри муосири тоҷик)» ба талаботи бандҳои 32-35-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, мувофиқ буда, муаллифи он барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ сазовор мебошад.

Муқарризон ва муассисаи пешбар бо назардошти муқаррароти бандҳои 67-70 ва 74-75-и Тартиби додани дараҷаҳои илмӣ, ки бо қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми июни соли 2021, таҳти № 267 тасдиқ шудааст, интихоб ва таъйин гардидаанд. Интихоби муқарризони расмӣ ва муассисаи пешбар ба он асоснок мегардад, ки онҳо мутахассисони бевоситаи соҳаи забоншиносӣ буда, дар корҳои илмию таҳқиқотӣ фаъолона иштирок менамоянд ва дар ин самт асару мақолаҳое таълиф кардаанд, ки мазмуну муҳтавои онҳо ба мавзуи диссертатсияи мазкур иртибот доранд.

Довталаби дараҷаи илмӣ доир ба мавзуи диссертатсия 1 монография ва 33 мақолаи илмӣ ба нашр расонидааст, ки аз ин номгӯй 18 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба чоп расидаанд. Маводи интишоргардида нуктаҳои асосӣ, натиҷаҳо ва мазмуни диссертатсияро инъикос намуда, саҳми шахсии муаллифро собит менамоянд.

**I. Дар маҷаллаҳои тақризшавандаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон:**

[1-М] Дӯстов, Ҳ. Воҳидҳои фразеологии ташбеҳӣ бо пасоянди «барин» / Ҳ. Дӯстов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2014. – №4/1 (129). – С. 23-25.

[2-М] Дӯстов, Ҳ. Ифодаи маъно дар воҳидҳои фразеологии ташбеҳӣ / Ҳ. Дӯстов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2014. – №4/3 (137). – С. 16-19.

[3-М] Дӯстов, Ҳ. Ибораҳои фразеологии изофӣ ва гурӯҳҳои маъноии онҳо / Ҳ. Дӯстов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2016. – №4/7(217). – С. 18-21.

[4-М] Дӯстов, Ҳ. Хусусиятҳои сохториву маъноии ташбеҳоти фразеологӣ дар осори адибони давраи Истиқлол / Ҳ. Дӯстов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2017. – №4/1. – С. 125-128.

[5-М] Дӯстов, Ҳ. Оид ба як навъи ҷумлаҳои фразеологӣ / Ҳ. Дӯстов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2017. – №4/2. – С. 10-13.

[6-М] Дӯстов, Ҳ. Воҳидҳои фразеологии муболиғавӣ ва гурӯҳҳои маъноии онҳо / Ҳ. Дӯстов // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2019. – № 4. – С. 17-20.

[7-М] Дӯстзода, Ҳ. Маънои забонӣ ва навъҳои он / Ҳ. Дӯстзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2020. – №7. – С. 32-39.

[8-М] Дӯстзода, Ҳ. Аломати забонӣ ва робитаи он бо маъно / Ҳ. Дӯстзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2021. – №5. – С. 26-32.

[9-М] Дӯстзода, Ҳ. Маънои фразеологӣ ҳамчун як навъи маънои забонӣ / Ҳ. Дӯстзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2022. – №1. – С. 18-27.

[10-М] Дӯстзода, Ҳ. Нақши маҷоз дар ташаккули сохтор ва маънои воҳидҳои фразеологии забони адабии муосири тоҷикӣ / Ҳ. Дӯстзода // Суханшиносӣ. – Душанбе, 2022. – №1. – С. 23-30.

[11-М] Дӯстзода, Ҳ.Ҷ. Маънои баҳодиҳӣ дар мундариҷаи воҳидҳои фразеологии забони адабии муосири тоҷикӣ / Ҳ. Дӯстзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2022. – №2. – С. 34-44.

[12-М] Дӯстзода, Ҳ. Маънои мафҳумӣ дар мундариҷаи воҳидҳои фразеологии забони адабии муосири тоҷикӣ / Ҳ. Дӯстзода // Ахбори ДДҲБСТ. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ. – Хуҷанд, 2022. – №2 (91). – С. 80-88.

[13-М] Дӯстзода, Ҳ.Ҷ. Нақши воситаҳои тасвири бадеӣ дар ифодаи мундариҷаи маъноии воҳидҳои фразеологии забони адабии муосири тоҷикӣ / Ҳ. Дӯстзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2022. – №4. – С. 12-21.

[14-М] Дӯстзода, Ҳ.Ҷ. Мақоми маънои эмотивӣ дар мундариҷаи воҳидҳои фразеологии забони адабии тоҷик / Ҳ. Дӯстзода // Паёми Донишгоҳи омӯзгорӣ. – Душанбе, 2022. – №4 (99). – С. 13-21.

[15-М] Дустзода, Х.Дж. Образное значение во фразеологических единицах современного таджикского литературного языка / Х. Дустзода // Вестник Таджикского национального университета. Серия филологических наук. – Душанбе, 2022. – №5. – С. 123-135.

[16-М] Дӯстзода, Ҳ.Ҷ. Истиора ва нақши он дар созмони воҳидҳои фразеологии забони адабии муосири тоҷикӣ / Ҳ. Дӯстзода // Ахбори ДДҲБСТ. Силсилаи илмҳои гуманитарӣ. – Хуҷанд, 2023. – №4 (93). – С. 97-105.

[17-М] Дӯстзода, Ҳ. Вижагиҳои маъноии воҳидҳои фразеологии киноявӣ / Ҳ. Дӯстзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2023. – №3. – С. 32-38.

[18-М] Хоҷаев, Д., Дӯстзода, Ҳ. Тавсиф ва нақши он дар созмондиҳии воҳидҳои фразеологӣ / Д. Хоҷаев, Ҳ. Дӯстзода // Паёми Донишгоҳи миллии Тоҷикистон. Бахши илмҳои филологӣ. – Душанбе, 2023. – №3. – 5-12.

**II. Дар маҷмуа ва нашрияҳои дигари илмӣ:**

[19-М] Дӯстов, Ҳ. Мансубияти ҳиссаинутқии воҳидҳои фразеологии ташбеҳӣ / Ҳ. Дӯстов // Донишгоҳи миллии Тоҷикистон – маркази тайёр кардани мутахассисони соҳибунвон. – Душанбе, 2013. – С. 121-128.

[20-М] Дӯстов, Ҳ. Киноя дар воҳидҳои фразеологӣ / Ҳ. Дӯстов // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявии ҳайати устодону кормандони ДМТ бахшида ба «20-солагии Рӯзи ваҳдати миллӣ» ва «Соли ҷавонон». – Душанбе, 2017. – С. 435.

[21-М] Дӯстов, Ҳ. Воҳидҳои фразеологии соматикӣ бо ҷузъҳои «дил» ва «сар» дар осори С. Айнӣ / Ҳ. Дӯстов // Маводи конференсияи байналмилалии «Устод Айнӣ ва масъалаҳои равобити адабӣ» бахшида ба 140-солагии Садриддин Айнӣ (Душанбе, 12-13-уми апрели 2018). – Душанбе, 2018. – С. 215-222.

[22-М] Дӯстов, Ҳ. Воҳидҳои фразеологии ташбеҳӣ дар забонҳои тоҷикӣ ва чинӣ / Ҳ. Дӯстов // Маводи конференсияи байналмилалии илмӣ-амалӣ бахшида ба 10-солагии таъсисёбии Институти Конфутсии назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон (01-02 октябри соли 2018). – Душанбе, 2018. – С. 146-150.

[23-М] Дӯстов, Ҳ. Ғулув дар воҳидҳои фразеологӣ / Ҳ. Дӯстов // Маводи конференсияи ҷумҳуриявии илмӣ-назариявии ҳайати устодону

кормандони ДМТ бахшида ба Даҳсолаи байналмилалии амал «Об барои рушди устувор, солҳои 2018-2028», «Соли рушди сайёҳӣ ва ҳунарҳои мардумӣ», «140-солагии Қаҳрамони Тоҷикистон Садриддин Айнӣ» ва «70-солагии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон». – Душанбе, 2018. – С. 509.

[24-М] Дӯстов, Ҳ. Ифодаи рангҳо дар воҳидҳои фразеологии забони тоҷикӣ / Ҳ. Дӯстов // Маводи конференсияи байналмилалии илмию амалии «Таҳсилот ва илм дар асри XXI: тамоюлоти муосир ва дурнамои рушд» бахшида ба «70-солагии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон». – Душанбе, 2018. – С. 281-284.

[25-М] Дӯстов, Ҳ. Нақши феъл дар созмони воҳидҳои фразеологии муболиғавӣ / Ҳ. Дӯстов // Забон – ҳастии миллат. Маводи конференсияи ҷумҳуриявии «Масъалаҳои сарфи забони тоҷикӣ ва усули таълими онҳо». – Душанбе, 2019. – С. 27-33.

[26-М] Дӯстов, Ҳ. Тобишҳои иловагии маъноӣ дар мундариҷаи воҳидҳои фразеологии феълии ашъори Сайидои Насафӣ / Ҳ. Дӯстов // Маводи конференсияи байналмилалии «Сайидо ва саҳми ӯ дар инкишофи забон ва адабиёти тоҷик» (Душанбе, 15-16 октябри соли 2019). – Душанбе, 2019. – С. 60-65.

[27-М] Дӯстзода, Ҳ. Воҳидҳои фразеологии муболиғавии умумиистеъмол (аз рӯйи осори Ҷ. Икромӣ) / Ҳ. Дӯстзода // Забон – ҳастии миллат. Маводи конференсияи ҷумҳуриявии «Масъалаҳои мубрами услубшиносии забони тоҷикӣ (Душанбе, 18 феврали соли 2020). – Душанбе, 2020. – С. 102-108.

[28-М] Дустзода, Х.Дж. Гипербола и её роль в образовании фразеологических единицах современного таджикского литературного языка / Х.Дж. Дустзода // Рефлексия (научно-практический журнал). – Грозный, 2021. – №3. – С. 16-19.

[29-М] Дӯстзода, Ҳ. Воҳидҳои фразеологии муболиғавӣ бо вожаи «дил» (аз рӯйи маводи «Восеъ»-и С. Улуғзода) / Ҳ. Дӯстзода // Маводи конференсияи байналмилалии «Сотим Улуғзода ва адабу фарҳанги миллӣ» бахшида ба 110-солагии С. Улуғзода (Душанбе, 28-29 сентябри соли 2021). – Душанбе, 2021. – С. 187-191.

[30-М] Дӯстзода, Ҳ. Нақши маҷоз дар ташаккули сохтор ва маънои воҳидҳои фразеологии забони адабии муосири тоҷикӣ / Ҳ. Дӯстзода // Забон – ҳастии миллат. Қисми 2. Маводи конференсияи байналмилалии «Рушди забони адабии тоҷик дар замони Истиқлол: мушкилот ва дурнамо» бахшида ба 85-солагии профессор Ҳ. Маҷидов (Душанбе, 15 июни соли 2022). – Душанбе, 2022. – С. 231-237.

[31-М] Дӯстзода, Ҳ. Вижагиҳои сохториву маъноии воҳидҳои фразеологии ташбеҳӣ ва муболиғавӣ дар «Шоҳнома»-и Абулқосим Фирдавсӣ (дар асоси маводи ҷилди ҳафтум) / Ҳ. Дӯстзода // Ҷуғрофиёи Шоҳнома. Гузоришҳои илмии конфронси байналмилалии «Ҷуғрофиёи таърихӣ ва фарҳангии «Шоҳнома». – Душанбе, 2023. – С. 196-202.

[32-М] Дӯстзода, Ҳ. Эпитет ва перифраза дар воҳидҳои фразеологӣ: умумият ва фарқияти онҳо / Ҳ. Дӯстзода // Забон дорӣ – ҷаҳон дорӣ. Маводи конференсияи байналмилалии илмию амалӣ дар мавзуи «Саҳми Пешвои миллат дар тақвияти мақоми забони тоҷикӣ дар арсаи байналмилалӣ». – Хуҷанд: Ношир, 2023. – С.142-149.

[33-М] Дӯстзода, Ҳ. Ифодаи маънои эҳсосотӣ ва баҳодиҳӣ дар ибораҳои фразеологии тавсифӣ / Ҳ. Дӯстзода // Маводи конференсияи байналмилалии илмию амалии «Илм ва таҳсилот: тамоюлҳои рушд дар ҷомеаи иттилоотӣ» бахшида ба «75-солагии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон». – Душанбе, 2023. – С. 466-471.

### III. Монография:

[34-М] Дӯстзода, Ҳ.Ҷ. Мундариҷаи маъноии воҳиди фразеологӣ ва нақши воситаҳои тасвири бадеӣ дар ташаккули он. Монография / Ҳ.Ҷ. Дӯстзода. – Душанбе, 2023. – 144 с.

### Ба автореферати диссертатсия аз муассиса ва муҳаққиқони зерин тақризҳо ба шурои диссертатсионӣ ворид шудаанд:

**1. Тақризи** доктори илмҳои филологӣ, профессор, мудири кафедраи забоншиносӣ ва таърихи забони Донишгоҳи давлатии Кӯлоб ба номи Абуабдуллоҳи Рӯдакӣ **Ҷумъахон Алимӣ** мусбат буда, дар он қайд шудааст, ки автореферати диссертатсияи Дустзода Ҳамрохон Ҷумъа ба талаботи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҷавобгӯ мебошад. Ба назари муқарриз, пажуҳиши Дустзода Ҳамрохон яке аз дастовардҳои муҳимми илми забоншиносии муосир буда, арзиши баланди илмию амалӣ дорад Ҳамзамон, дар тақриз чунин эродҳо манзур шудаанд:

1. Хуб мешуд, агар муҳаққиқ зимни овардани андешаҳои муҳаққиқони соҳа ба таҳқиқоти олимони тоҷик таваҷҷуҳи бештар зоҳир менамуд.

2. Ба андешаи мо, фасли 4-уми боби 4-и диссертатсия бояд ба ду зерфасл ҷудо карда мешуд. Зеро ибораҳои фразеологии киноявӣ ва ҷумлаҳои фразеологии киноявӣ мавзуи баҳси худро дошта, доманаи фаррохи омӯзиш доранд.

3. Фишурда аз ғалатҳои имлоиву китобат ва техникӣ орӣ нест (саҳ. 3, 4, 6, 7, 8, 16, 23, 29).

**2. Тақризи** доктори илмҳои филологӣ, дотсент, мудири кафедраи забони муосири русии Донишгоҳи славянии Россия ва Тоҷикистон **Султанова Рафоат** низ мусбат буда, дар он автореферат ва диссертатсияи Дустзода Ҳамрохон Ҷумъа пажуҳиши тоза ва анҷомёфта маънидод гардида, дар баробари зикри дастовардҳои довталаби дараҷаи илмӣ чунин эродҳо пешниҳод шудаанд:

1. Дар автореферат баъзан мисолҳои тасдиқшаванда бе шоҳид оварда шудаанд, ки чунин муносибат имкон намедиҳад, то нақши ин ё он воситаи тасвири бадеӣ дар ташаккули воҳиди фразеологӣ ба пуррагӣ муқаррар карда шавад.

2. Дар гунаи русии автореферат як қатор ғалатҳои имлоиву китобат (с. 3, 4, 6, 7, 8) ҷой доранд.

**3. Дар тақризи** доктори илмҳои филологӣ, профессори кафедраи забони тоҷикии Муассисаи давлатии таълимии «Донишгоҳи давлатии Хуҷанд ба номи академик Бобоҷон Ғафуров» **Ҳасанзода Абдуҷамол** қайд шудааст, ки дар автореферати диссертатсия дар баробари дастовардҳои назарраси илмӣ баъзе норасоиҳо низ ба назар мерасанд:

1. Муаллиф қайд кардааст, ки доир ба масоили мухталифи маъношиносӣ, фразеология муҳаққиқони ватаниву хориҷӣ кори илмӣ анҷом додаанд ва баъдан адабиёти фаровонеро оварда, саҳифаи умумии онҳоро ишора мекунад. Бояд гуфт, ки дар чунин мавридҳо саҳифаи дақиқи чунин осорро зикр намудан ба мақсад мувофиқ аст (масалан, Н. Маъсумӣ дар тамоми «Очеркҳо»-яш ин масъаларо матраҳ накардааст) (с. 4-6).

2. Унвонҷӯ ҳангоми зикри ному насаби муҳаққиқон низоми ягонаи зикрро пеша накардааст. Ин аст, ки гоҳ аввал насаб ва баъд ном ва, баръакс, нахуст ном ва баъд насаб омадааст (с. 4-6, 10-11).

3. Дар фишурда баъзе ғалатҳои имлоӣ ва китобат ба назар расиданд. Чунин хатоҳо дар натиҷаи барзиёд зикр намудани баъзе садонокҳо (монанди муассирии - с.П), ғалат омадани ҷои ҳарфҳо (фразеологимзҳои - с.18; бенадоза - с.26), навишти якҷояи таркибҳо (дарқаҳр - с.39), фурӯгузор намудани бандаки изофӣ (иборахо рехтаи - с. 44), фурӯгузор кардани вергул (табиист ки - с.39; ва аз ин рӯ - с. 48) рух додаанд.

**4. Дар тақризи** доктори илмҳои филологӣ, мудири кафедраи забони тоҷикии МДТ «Донишгоҳи давлатии тиббии Тоҷикистон ба номи Абуалӣ ибни Сино» **Низомова Санавбар** дастовардҳои кори диссертатсионӣ зикр гардида, ҳамчунин, пешниҳоду эродҳои зерин манзур шудаанд:

1. Баъзе ғалатҳои имлоӣ ва техникӣ ба матни автореферати диссертатсия роҳ ёфтаанд, ки ислоҳ мехоҳанд: саҳ. 4, 22...

2. Объекти таҳқиқ мушаххастар мегардид, сифати кор боз беҳтар мешуд.

**Шурои диссертатсионӣ қайд менамояд, ки аз тарафи довталаби дараҷаи илмӣ дар асоси иҷро кардани таҳқиқи илмӣ:**

- аломати забонӣ ва робитаи он бо маъно **муайян карда шудааст;**
- дар асоси назарияҳои пешқадами илмӣ мафҳуми маънои забонӣ ва навъҳои он **муқаррар гардидааст**;
- маънои фразеологӣ ҳамчун як навъи маънои забонӣ дар мундариҷаи воҳидҳои фразеологӣ **таҳқиқ шудааст;**
- маъноҳои мафҳумӣ, образнок, эҳсосотӣ ва баҳодиҳӣ дар мундариҷаи маъноии воҳидҳои фразеологӣ **муайян карда шудаанд;**
- мавқеи маҷози забонӣ дар зоҳиршавии воситаҳои тасвири бадеӣ дар сохтори воҳидҳои фразеологӣ **нишон дода шудааст;**
- нақши муболиға дар ташаккули сохтор ва мундариҷаи маъноии воҳидҳои фразеологии муболиғавӣ **таҳқиқ шудааст;**
- хусусиятҳои сохториву маъноии воҳидҳои фразеологии муболиғавӣ **муқаррар шудаанд;**
- нақши истиора дар ташаккули сохтор ва мундариҷаи маъноии воҳидҳои фразеологии истиоравӣ **муайян гардидааст;**
- хусусиятҳои сохториву маъноии воҳидҳои фразеологии истиоравӣ **баррасӣ гардидааст;**
- мавқеи ташбеҳ дар ташаккули сохтор ва мундариҷаи маъноии воҳидҳои фразеологии ташбеҳӣ **муқаррар гардидааст;**
- нишонаҳои асосӣ ва иловагии воҳидҳои фразеологии ташбеҳӣ **таҳлилу баррасӣ гардидаанд;**
- хусусиятҳои сохториву маъноии воҳидҳои фразеологии ташбеҳӣ **муқаррар шудаанд;**
- нақши тавсиф дар ташаккули сохтор ва мундариҷаи маъноии ибораҳои фразеологии тавсифӣ **нишон дода шудааст;**
- хусусиятҳои сохториву маъноии ибораҳои фразеологии тавсифӣ **баррасӣ гардидаанд;**
- мавқеи киноя дар ташаккули воҳидҳои фразеологии киноявӣ **муайян карда шудааст;**
- хусусиятҳои сохториву маъноии воҳидҳои фразеологии киноявӣ **муқаррар гардидаанд.**

**Аҳаммияти назарии таҳқиқ дар он зоҳир мешавад, ки** натиҷаҳои диссертатсия метавонанд назарияи илми маъношиносии тоҷикро вобаста ба муқаррар намудани мафҳуми маънои забонӣ ва навъҳои он ғанӣ гардонанд. Ҳамчунин, онҳоро метавон ба таври васеъ дар инкишофи назарияи илми фразеологияи тоҷик вобаста ба табиати забонии воҳидҳои фразеологӣ ва, хосатан, таснифоти мундариҷаи маъноии онҳо истифода намуд. Аз он ки

масъалаи меҳварии диссертатсияро мақоми воситаҳои тасвири бадеӣ дар ташаккули сохтор ва маънои воҳидҳои фразеологӣ ташкил медиҳад, хулосаҳои бадастомада метавонанд назарияи илми адабиётшиносиро низ дар самти истифодаи санъатҳои бадеӣ дар воҳидҳои забон тақвият бахшанд.

Дар ҷараёни таҳлилу баррасии мавзуъ ба сифати асосҳои муҳимми назарӣ таҳқиқоти илмӣ ва таълифоти донишмандони хориҷӣ, аз қабили Фердинанд де Соссюр, Ф.И. Буслаев, В.В Виноградов, Л.И. Ройзензон, Ю.А. Рубинчик, Н.Ф. Алефиренко, Ю.Д. Апресян, А.И. Молотков, С.А. Губанов, М.В. Никитин, Л.А. Новиков, В.Н. Телия, В.И. Шаховский, М.С. Чернова, Д.Н. Шмелев, З.Х. Пайзулаева ва олимони ватанӣ Т. Зеҳнӣ, Д. Т. Тоҷиев, С.В. Хушенова, Ҳ. Маҷидов, Х. Шарифов, Ю. Бобоев, У. Тоиров, Д. Хоҷаев, Қ. Тоҳирова, Р. Эгамбердиев, Н. Гадоев, М. Саломиён, М. Мирзоева, Ж. Гулназарзода, Р.М. Султанова, С.Б. Ҷӯраева, Н. Саидов, Г. Зоғакова, М. Ҳайдаров, Б. Аловиддинов, М. Ҳасанов, Н. Худоёрова ва дигарон истифода шудаанд.

Дар диссертатсия аз методҳои забоншиносии мушоҳидаву муқоиса, хулосабарорӣ, таҳлили синхронӣ, шарҳу тафсир, таҳлили матнӣ, сохториву маъноӣ, оморӣ ва таҳлилу таҷзияи маводи фразеологӣ истифода гардида, ба таҷриба ва дастовардҳои илмию методии гурӯҳи муҳаққиқони зикршуда такя карда шудааст.

**Аҳаммияти натиҷаҳои бадастовардаи довталаб барои дарёфти дараҷаи илмӣ дар амалия чунин тасдиқ карда мешавад**, ки маводи манзуршуда, натиҷаи таҳқиқ ва хулосаҳои илмии он дар пажуҳиши масъалаҳои алоқаманд ба сохтор ва мундариҷаи маъноии воҳидҳои фразеологии забони тоҷикӣ ва нақши воситаҳои тасвири бадеӣ дар ташаккули онҳо арзиши муҳим доранд. Маводи рисола ва хулосаҳои бадастовардаи муаллифро ҳангоми навиштани мақола ва таълифи рисолаҳои илмӣ, навиштани китобҳои дарсӣ ва таълифи воситаҳои таълимӣ дар донишгоҳу донишкадаҳо ва мактабҳои миёна, омода кардани курси лексияҳо аз бахшҳои фразеология, луғатшиносӣ, маъношиносӣ ва сарфу наҳв дар факултетҳои филологии муассисаҳои олии таълимӣ истифода бурдан мумкин аст.

**Баррасии эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ нишон доданд**, ки дар таҳқиқи диссертатсионӣ консепсияҳои илмӣ ва назарияи забоншиносони ватанию хориҷӣ истифода шудаанд. Дар маҷмуъ, дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқ аз дақиқияти маълумот, мувофиқат намудани ҳаҷми маводи таҳқиқ, коркарди натиҷаҳои таҳқиқ, теъдоду ҳаҷми интишорот ва интихоби дурусти методҳои таҳқиқ бармеояд. Хулоса ва тавсияҳо дар асоси

таҳлили илмӣ манзур гардида, натиҷаҳои фаслу бобҳо ва таҳқиқи назарии мавзуъ мебошанд.

**Саҳми шахсии довталаби дарёфти дараҷаи илмиро** дараҷаи дарки масъалаҳои дар диссертатсия баррасишуда, натиҷаҳо ва хулосаҳои асосии кор, муқаррароти ба ҳимоя пешниҳодшуда ва мустақил ифода шудани нуқтаи назари ӯ нисбат ба мавзуи таҳқиқ таъйид мекунад. Саҳми фардии муаллиф, ҳамчунин, дар он зоҳир меёбад, ки ӯ дар ҷараёни ҷамъоварии маводи илмӣ, таснифоти воҳидҳои фразеологӣ, таъйини тарҳи кор, навиштани монография ва мақолаҳо мустақилият зоҳир кардааст. Муносибати методологии муаллиф нисбат ба мавзуи мавриди таҳқиқ саҳми шахсии ӯ дар омӯзиши мавзуъ буда, барои ҳалли илмии масъала замина фароҳам овардааст.

Довталаби дараҷаи илмӣ ба равишҳои таҳқиқии муосир такя карда, бори аввал ба таври бунёдию маҷмуӣ масъалаи нақши воситаҳои тасвири бадеиро дар ташаккули сохтор ва мундариҷаи маъноии воҳидҳои фразеологии забони адабии муосири тоҷикӣ дар шакли диссертатсия таҳқиқ ва ҷамъбаст намуда, дар интихоби мавод, интишори натиҷаҳои таҳқиқ ва пешниҳоди маълумот барои таҳқиқоти оянда дастовардҳои чашмрас дорад.

Дар ҷаласаи шурои диссертатсионии 6D.КОА-021-и назди Донишгоҳи миллии Тоҷикистон аз 29-уми феврали соли 2024 дар бораи сазовор донистани Дустзода Ҳамрохон Ҷумъа ба дараҷаи илмии доктори илмҳои филологӣ қарор қабул карда шуд.

Ҳангоми гузаронидани овоздиҳии пинҳонӣ дар шурои диссертатсионӣ аз 15 нафар аъзои шуро 14 нафар (фармоиши Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 29-уми майи соли 2023, № 122/шд), аз ҷумла 5 нафар докторони илм аз рӯйи ихтисоси 10.02.01 – Забони тоҷикӣ иштирок доштанд.

Аз 14 нафар аъзои шурои диссертатсионии дар ҷаласа иштирокдошта овоз доданд: тарафдор – 14 нафар, муқобил – нест, бюллетенҳои беэътибор – нест.

Муовини раиси шурои
диссертатсионӣ, доктори
илмҳои филологӣ, профессор Мамадназаров А.

Котиби илмии шурои диссертатсионӣ,
доктори илмҳои филологӣ, профессор Мирзоева М.М.

29.02.2024.